# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДАР БОРАИ МАҲДУД НАМУДАНИ ИСТИФОДАИ МАҲСУЛОТИ ТАМОКУ

Бо қарори Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 25 октябри соли 2017 № 925
қабул карда шуд.

Бо қарори Маҷлиси миллии
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 21 декабри соли 2017 № 465
ҷонибдорӣ карда шуд.
(Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1954)

Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамокуро муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба истифода, истеҳсол, воридот, содирот ва фурӯши маҳсулоти тамоку танзим менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **тамоку** - растании буттагӣ, ки таркибаш никотин ва моддаҳои дигари ба саломатии инсон зараровар дошта, бо мақсади гирифтани ашёи хом барои истеҳсоли маҳсулоти тамоку коркард мешавад;

- **маҳсулоти тамоку** - маҳсулоте, ки пурра ё қисман аз баргҳои тамоку ва (ё) дигар қисмҳои растании тамоку ҳамчун ашёи хом тайёр карда шуда, тавре омода гардидааст, ки барои кашидан, макидан, хоидан, бӯй кардан ва усулҳои дигари истеъмолӣ истифода бурда мешавад, аз ҷумла сигаретаҳо бо дудполо (бо филтр), сигаретаҳо бе дудполо (бе филтр), папиросҳо, сигорҳо, сигарилаҳо, маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда, чилимтамоку, тамокуи кашиданӣ, ҳама намуди тамокуи ғайрикашиданӣ, нос ва намудҳои дигари маҳсулоти тамоку (Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1954);

- **никотин** - моддаи таркиби тамоку (алкалоиди дар таркиби растаниҳои оилаи "Никотиана" мавҷудбуда), ки боиси гирифтор шудани шахс ба бемориҳои гуногун, аз ҷумла сактаи дил, сактаи майна ва саратон мегардад;

- **истифодаи маҳсулоти тамоку** - кашидани тамоку (нафас кашидани моддаи аз сӯзондан ё гарм кардани тамоку ҳосилшуда), хоидан, бӯй кашидан, макидан ё зери забон мондани маҳсулоти тамоку, инчунин роҳҳои дигари истифодаи маҳсулоти тамоку аз рӯйи таъинот, ки вобастагии организми инсонро аз никотин ба вуҷуд оварда,

ба саломатии истифодабарандагон ва (ё) шахсоне, ки маҳсулоти тамокуро истифода намебаранд, таъсири манфӣ мерасонад (Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1954);

- **қатрон** - қисмати асосии дуди тамоку, ки дар таркибаш никотин надошта, дорои хусусияти кансерогенӣ мебошад;

- **ҷузъи таркибӣ (ингредиент)** - моддае (ба ғайр аз барг ва қисмҳои дигари тамоку), ки ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти тамоку истифода мешавад ва дар таркиби маҳсулоти тайёри тамоку, аз ҷумла дар шакли тағйирёфта, вуҷуд дорад;

- **борпечи истеъмолӣ** - борпечи барои фурӯш пешбинигардидаи маҳсулоти тамоку, аз ҷумла қуттӣ ва блок ё борпечи аввалияи маҳсулот, ки ба истеъмолкунандаи охирон фурӯхта мешавад;

- **регламенти техникӣ** - санади меъёрии техникӣ, ки дар ҷараёни бамеъёрдарории техникӣ таҳия шуда, талаботи техникии риояашон ҳатмиро вобаста бо бехатарии маҳсулот, ҷараёни коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар қисми бехатарӣ муқаррар мекунад;

- **чилим** - асбобе, ки аз қисмҳои пайвастшавандаи асосӣ: сархона, муштук ва зарф иборат буда, барои тамокукашӣ ё истифодаи омехтаҳои гуногуни кашидании дар таркибашон барги тамокунадошта истифода мешавад;

- **системаҳои электронии таҳвили никотин** - дастгоҳҳое, ки ба кашидани тамоку тавассути гармкунии маҳлул барои системаҳои электронии таҳвили никотин ва ба вуҷуд омадани аэрозол ё ҳаври нафаскашидаи истеъмолкунанда, аз ҷумла сигорҳои электронӣ ҳаммонанд, ки метавонанд мисли маҳсулоти муқаррарӣ (сигор, сигара, чубуқ, чилим, ручка, ҳомили электронии ҷудогона ва ғайра) ё маҳсулоти дигари дорои шаклу рангҳои гуногуни истифодаашон як ва ё бисёркарата бошанд (Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1954);

- **маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда** - намуди маҳсулоти тамокуи кашиданӣ, ки аз тамоку (омехтаи тамоку) бо илова ё бе иловаи ҷузъи таркибӣ иборат буда, барои истифода дар системаҳои гармкунии он бо роҳи нафаскашии аэрозол ё ҳавр дар натиҷаи гарм кардани тамоку ба таври электронӣ ё ба таври дигари бе раванди сӯзондани он бавуҷудомада пешбинӣ шудааст (Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1954);

- **система барои гармкунии тамоку** - дастгоҳи электронӣ, ки барои истифодаи маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда пешбинӣ шудааст ва аэрозол ё ҳаврро бо мақсади нафас кашидани истеъмолкунанда ҳосил мекунад, аз ҷумла ҳама гуна модда ё чизи дигаре, ки барои истифода бо дастгоҳ, новобаста ба он ки алоҳида фурӯхта мешавад ё не, тайёр карда шудааст;

- **маҳсулоти тамокуи љайрикашиданӣ** - маҳсулоти тамоку, ки барои макидан, хоидан, бўй кашидан ва љайра пешбинӣ шудааст;

- **маҳсулоти љайрикашидании дорои никотин** - маҳсулоти дорои никотин ё намакҳои никотин, маҳлулҳо, моеъҳои никотинӣ ё гелҳои дорои никотин, ашёи хоми растанӣ ва (ё) иловагиҳои љизоӣ (ба истисноии доруворӣ), ки маҳсулоти тамоку нестанд ва барои макидан, хоидан, бўй кашидан пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла снюс ва никпэк, инчунин маҳсулоти хўроквории табиӣ, ки таркибашон никотини аслӣ доранд (Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1954);

- **нос** - омехтае, ки дар таркибаш тамоку, ишқор (оҳак ё моддаи дигар) ё моддаҳои дигар омехта шудаанд ва бо роҳи ба зери забон, байни лабҳо ё бехи дандон гузоштан истифода мешавад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**БОБИ 2. ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТ ОИД БА МАҲДУД НАМУДАНИ ИСТИФОДАИ МАҲСУЛОТИ ТАМОКУ**

**Моддаи 3. Иҷозатномадиҳӣ ба фаъолият оид ба истеҳсол, воридот, содирот, фурўши яклухт ва чаканаи маҳсулоти тамоку**

Иҷозатномадиҳӣ ба фаъолият оид ба истеҳсол, воридот, содирот, фурўши яклухт ва чаканаи маҳсулоти тамоку мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 4. Танзими фаъолият оид ба истеҳсол, воридот, содирот, фурўши яклухт ва чаканаи маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин**

(Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1954)

1. Истеҳсол, воридот, содирот, фурўши яклухт ва чаканаи маҳсулоти тамоку ва маҳлулҳо барои системаҳои электронии таҳвили никотин, ки дар онҳо миқдори моддаҳои зараровар аз меъёрҳои муқаррарнамудаи регламенти техникӣ, стандартҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зиёд мебошад, манъ аст. Регламенти техникии маҳсулоти тамоку аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

2. Ҳар борпечи истеъмолии маҳсулоти тамокуи дахлдор, ки барои фурўш дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст (ба истисноии маҳсулоти тамокуи барои фурўш дар маљозаҳои савдои бебоҷ пешбинигардида) тибқи регламенти техникӣ, бояд маълумоти

огоҳикунандаи асосиро оид ба зарари истифодаи онҳо дошта бошад, ки ба талаботи зерин ҷавобгӯ аст:

- аз матн ва акс таркиб ёфта бошад;
- дар қисмати бештари болоии рӯйи борпечи истеъмолӣ, дар ҳар ду тарафи он ва на кам аз ҳафтоду панҷ дарсади сатҳи умумии ҳар як тараф ҷойгир бошад;
- матн дар қисми поёнии тарафи пеш ҳатман ба забони давлатӣ ва дар қисми поёнии тарафи муқобил метавонад ба забонҳои дигар дарҷ шуда бошад.

3. Ангораи аксҳо ва матни маълумоти огоҳикунанда оид ба зарари истифодаи маҳсулоти тамоку аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқ карда мешаванд.

4. Маълумот барои истеъмолкунанда, ки дар борпечи истеъмолии маҳсулоти тамоку дарҷ мегардад, бояд мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи регламенти техникӣ ҷойгир карда шавад.

5. Дар ҳар як қуттии маҳсулоти тамоку, ки барои фурӯш дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст (ба истиснои маҳсулоти тамокуи барои фурӯш дар маъозаҳои савдои бебоҷ пешбинигардида), бояд тамғаи аксизии намунаи муқарраршуда часпонда шуда бошад.

6. Маълумоти дар борпечи истеъмолии маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин дарҷгардида набояд истилоҳот, тавсифҳо, нишонаҳо, рамзҳо ва дигар аломатҳоро, ки бавосита ё бевосита оид ба камзарар будани маҳсулоти тамоку, системаҳои электронии таҳвили никотин нисбат ба дигар маҳсулоти тамоку, системаҳои электронии таҳвили никотин таассуроти бардурӯғ ба вуҷуд меоранд, дар бар гирад. Маълумоти дар борпечи истеъмолӣ дарҷгардида набояд чунин калимаҳо ё ибораҳо, ба мисли "дорои миқдори ками қатрон", "сабук", "хеле сабук", "камтаъсир", "экстра", "ултра" ва калимаҳои дигари монанд ба инҳоро, ҳамчунин калимаҳо, нишонаҳо ва рамзҳоеро, ки маҳсулоти тамоку, системаҳои электронии таҳвили никотинро бо маҳсулоти хӯрокворӣ (иловагиҳои ғизоӣ) шабоҳат медиҳанд ё бавосита ё бевосита вобаста ба таъми маҳсулоти хӯрокворӣ (иловагиҳои ғизоӣ)-ро доштани маҳсулоти тамоку, системаҳои электронии таҳвили никотин таассуроти бардурӯғ ба вуҷуд меоранд, дар бар гирад.

7. Дар борпечи истеъмолии маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин дарҷ намудани чунин маълумот манъ аст:

- истифодаи маҳсулоти тамокуи мазкур (намуди маҳсулоти тамоку), системаҳои электронии таҳвили никотин, ки хавфи пайдоиши бемориҳои вобаста ба истеъмоли онро кам мекунад;
- маҳсулоти тамокуи мазкур (намуди маҳсулоти тамоку), системаҳои электронии таҳвили никотин нисбат ба маҳсулоти дигари

тамоку (дигар намуди маҳсулоти тамоку), системаҳои электронии таҳвили никотин ба саломатӣ зарари камтар доранд;

- хавфи пайдо шудани бемориҳои вобаста ба истифодаи маҳсулоти тамокуи мазкур (намуди маҳсулоти тамоку) ва системаҳои электронии таҳвили никотин дар натиҷаи хориҷ шудани моддаи махсус ҳангоми истеъмоли он кам карда шудааст.

8. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол, воридот, содирот, нигоҳдорӣ, фурӯши яклухт ва чаканаи маҳсулоти тамокуи ғайрикашиданӣ ва ҳама гуна маҳсулоти ғайрикашидании дорои никотин (ба истиснои нос), аз ҷумла снюсҳо (маҳсулоти тамокуи бе дуд), никпэкҳо (омехтаи бе тамокуи дар таркибаш миқдори зиёди никотини сунъидошта) манъ аст.

9. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол, воридот, содирот, нигоҳдорӣ, фурӯши яклухт ва чаканаи системаҳои электронии таҳвили никотини якдафъаина истифодашаванда, манъ аст.

10. Ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти тамоку ба сифати ҷузъи таркибӣ (ингредиент) истифода бурдани моддаҳо мувофиқи номгӯйи аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқшуда иҷозат дода намешавад (Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1954).

**Моддаи 5. Манъи фурӯши маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин**

(Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1954)

1. Фурӯши маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин дар дохили биноҳо, ҳудуди ташкилотҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, низоми маориф, фарҳангӣ, варзишӣ, сайёҳӣ ва иттиҳодияҳои динӣ манъ аст.

2. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯши маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин ба шахсоне, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд, иҷозат дода намешавад. Дар сурати шубҳа пайдо кардани фурӯшанда оид ба синну соли шахсе, ки маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотинро мехарад, фурӯшанда ухдадор аст, ки аз харидор ҳуҷҷати тасдиқкунандаи синну соли ӯро талаб намояд. Дар сурати аз ҷониби харидор пешниҳод нагардидани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи синну соли ӯ, фурӯшанда ухдадор аст, ки ба ӯ фурӯхтани маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотинро рад кунад.

3. Фурӯши сигор, сигарил, папирос ва маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда, ки дар як воҳиди борпечи истеъмолӣ (қуттӣ) аз бист дона кам ё зиёд мебошанд, манъ аст.

4. Фурӯши сигор, сигарил, папирос ва маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда аз қуттиҳои кушодаи маҳсулоти тамоку ё донабайъ,

инчунин фурӯши маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин бе борпечи истеъмолӣ манъ аст.

5. Фурӯши маҳсулоти тамоку бе тамғаи аксизии намунаи муқарраршуда, ба истиснои маҳсулоти тамоку, ки барои фурӯш дар минтақаҳои савдои бебоҷ пешбинӣ шудааст, манъ аст.

6. Фурӯши маҳсулоти тамоку бе дарҷ кардани огоҳӣ дар қуттии маҳсулоти тамоку дар бораи зарари истифодаи маҳсулоти тамоку, инчунин дар ҳолатҳои номутобиқатии он ба талаботи муқаррарнамудаи регламенти техникӣ манъ аст.

7. Фурӯши маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин бо истифодаи воситаҳои худкор, дастӣ ва дар ҷойҳое, ки барои савдо пешбинӣ нашудаанд, манъ аст.

8. Истеҳсол, фурӯш ва паҳнкунии маҳсулоте, ки ба маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин монанд мебошад, манъ аст.

9. Паҳн кардани маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин дар байни аҳолӣ ба таври ройгон ё ба ивази ягон мол, хизматрасонӣ ва ё фурӯши он дар дохили маҷмуаи иборат аз маҳсулоти ғайритамоку манъ аст.

10. Бар ивази пардохти музди меҳнат додани тамоку, маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин манъ аст.

11. Фурӯши чаканаи маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин дар объекти тиҷоратӣ тариқи берун мондан ва намоиш додани он манъ аст. Маълумот дар бораи маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин, ки барои фурӯши чакана пешкаш карда мешаванд, аз ҷониби фурӯшанда тариқи ҷой додани номгӯйи маҳсулот дар объекти тиҷоратӣ ба маълумоти харидор расонда мешавад. Матни номгӯйи маҳсулоти тамоку бо истифодаи ҳарфҳои андозаашон якхелаи ранги сиёҳ дар коғази сафед бо тартиби алифбо таҳия карда шуда, дар он бояд нархи маҳсулоти тамокуи ба фурӯш гузошташуда бе истифодаи тасвирҳои графикӣ ва аксҳо нишон дода шавад (Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1954).

**Моддаи 6. Тадбирҳои аз таъсири маҳсулоти тамоку ҳифзкунанда**

1. Истифодаи маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин манъ аст (Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1954):

- дар дохили бино ва ҳудуди ташкилотҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, сайёҳӣ, динӣ ва илмию таълимӣ;
- дар дохили биноҳои маъмурӣ, утоқҳои кории ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

- дар дохили бинои меҳмонхонаҳо, хобгоҳҳо ва корхонаҳои хӯроки умумӣ (тарабхона, ошхона, чойхона, қаҳвахона, бар ва ғайра), ба истисноИ ҷойҳои махсуси барои тамоку кашидан ҷудокардашуда;

- дар дохили ҳамаи намуди нақлиёти ҷамъиятӣ ва таксӣ;

- дар дохили бино ва дар ҳудуди фурудгоҳҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан ва нақлиёти автомобилӣ, ба истисноИ ҷойҳои махсуси барои тамокукашӣ ҷудокардашуда;

- дар нақлиёти истифодаи шахсӣ, ки дар онҳо кӯдакони то ҳаждаҳсола ё зани ҳомила ҳузур доранд;

- дар дохили бинои осоишгоҳҳо, ҳудуди майдончаҳои кӯдакон, даромадгоҳҳои биноҳои истиқоматӣ, лифт, гузаргоҳҳои зеризаминӣ (Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1954).

2. Барои таҷҳизонидани ҷойҳои махсуси истифодаи маҳсулоти тамоку дар маҳбасхонаҳо, беморхонаҳои бемориҳои руҳӣ, хонаҳои пиронсолон ва маъюбон аз рӯйи дархост мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ё сохторҳои маҳаллии он иҷозат медиҳад.

3. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколати худ ҳуқуқ доранд истифодаи маҳсулоти тамокуро дар боғу гулгаштҳо, ҳудуди канори дарё ё кулҳо ва ҷойҳои дигаре, ки чорабиниҳои оммавӣ гузаронда мешаванд, ба таври муваққатӣ ё доимӣ манъ намоянд.

4. Моликон ва шахсоне, ки дорои ҳуқуқи истифодаи бино, ҳудуду иншоот ва муассисаҳои дар қисми 1 ҳамин модда нишондодашуда мебошанд, вазифадоранд риояи меъёрҳои моддаи мазкурро таъмин намоянд ва барои риоя накардани онҳо масъул мебошанд.

5. Роҳбарони корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, ҷойҳои махсусро барои истифодаи маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин муайян менамоянд (Қонуни ҶТ аз 15.03.2023 № 1954).

**Моддаи 7. Тарғиби зарари истифодаи маҳсулоти тамоку**

1. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ, фарҳанг, маориф ва илм, варзиш, сайёҳӣ ва оид ба дин вазифадоранд, тавассути воситаҳои ахбори омма, филмҳои таълимӣ, воситаҳои аёнӣ ва буклету расмҳо иттилоотонии аҳолиро оид ба зарари истифодаи маҳсулоти тамоку ба саломатии инсон ва оқибатҳои ногувори он ба генофонди миллӣ мунтазам ба роҳ монанд.

2. Дар барномаи таълимӣ барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот мавзӯъҳои дахлдор вобаста ба таъсири манфии истифодаи маҳсулоти тамоку ба саломатии инсон пешбинӣ карда мешаванд.

3. Барномаи таълимӣ дар самти омодасозӣ ва бозомӯзии кормандони соҳаи тандурустӣ, фарҳанг, маориф ва илм, варзиш, сайёҳӣ ва дин бояд фарогири мавзӯъ дар бораи иттилоотонии аҳолӣ

оид ба зарари истифодаи маҳсулоти тамоку ва усулҳои мусоидат намудан ба пешгирии истифодаи маҳсулоти тамоку бошанд.

4. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ барои дар муассисаҳои тандурустӣ амалӣ шудани хизматрасонӣ доир ба ташхис, машваратдиҳӣ, пешгирӣ ва табобати шахсони ба тамоку вобастагидошта мусоидат менамояд.

**БОБИ 3. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 8. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 9. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку"**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 "Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, №12, қ.1, мод. 811; с. 2013, №3, мод. 192) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 10. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
2 январи соли 2018 № 1484